«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент
__________ Наҷмиддиниён А.М.
"__" ________ 2023

ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзуи "Тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович 09.12.1988 дар деҳаи Зарафшони ноҳияи Тоҷикобод таваллуд шудааст. Солҳои 2006-2011 дар факултети фарҳангшиносӣ, шуъбаи кори осорхона ва ҳифзи ёдгориҳои таърихи Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро таҳсил намуда, онро бо ихтисоси осорхонашинос хатм намудааст. Дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз соли 2013 то 2016 аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) бо фармоиши №03 аз 04.01.2013 ҳамчун аспиранти таҳсили ғоибона фаъолияти илмӣ - таҳқиқотӣ бурдааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм "4" (хуб) -13.05.2013, забони хориҷӣ (англисӣ) "4" (хуб) -07.11.2014 ва ихтисос 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ - "5" (аъло) - 20.05.2023 супоридааст.

Ӯ айни замон ба сифати ходими калони илмии осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди

маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст. Роҳбари илмӣ – д.и.п., профессор Негматов С.Э. мебошад.

Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар шароити муосир барои тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти гуногунҷабҳаи осорхонаҳо ва осорхонашиносии тоҷик ҷузъи таркибии мероси фарҳангии миллати куҳанбунёди тоҷик маҳсуб меёбад. Пайдоишу тараққиёти осорхонаҳо ба талаботи инкишофи ҷомеа вобастагии зич дошта, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва омӯзиши объектҳои табиат ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дар ҷамъият ногузиранд. Ашёи гуногуни арзишманде, ки дар тӯли асрҳо ҷамъоварӣ мешаванд, маҳз дар осорхонаҳо ҳифзу нигоҳдорӣ мегарданд. Осорхонаҳо чун тақозои замон баҳри таблиғу ташвиқи мероси таърихӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва эстетикии қишрҳои гуногуни ҷомеа, дарки олами нафосат ва рангорангии фарҳангӣ моддӣ ва маънавии халқ пайдо шудаанд. Табиист, ки ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва омӯзиши ёдгориҳои табиатро инсон аз замонҳои қадим шуруъ карда буд, аммо ин раванд дар асрҳои XVI-XIX бо таъсиси осорхонаҳо боис гардид ва айни замон дар маркази диққати инсоният қарор дорад.

Ҳадафи асосии диссертатсия ба равшан кардани асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ равона шудааст. Мақсади асосии таҳқиқот ба омӯхтани асосҳои педагогӣ, рушди тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, ҳувияти миллӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ, инчунин махсусиятҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон равона шуда, барои тарбияи комили ватандӯстӣ ва инсонпарварии толибилмон мусоидат мекунад.

Дар диссертасия вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот муайян гардидааст. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааast.

Таҳқиқи тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон чунин асосҳои назариявиро дар бар мегирад:

- маҷмуи маълумоти назариявӣ ва таълимот дар бораи моҳияти тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ;

- таҳлили мероси таърихии санадҳои моҳияти арзиши миллидошта, аз дидгоҳҳои мутафаккирони муҳаққиқон ва ба педагогикаи муосири миллӣ табдил додани онҳо;

- мафҳумҳои асосии дарки назарияи диалектикии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ва талаботи аз онҳо бавуҷудоянда;

- моҳияти назариявии ҷараёни таълим тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар тадқиқот методҳои мушоҳида, инчунин, усулҳои тавсифӣ ва миқдорӣ низ зимни таҳияи диссертатсия истифода шудааст.

Инчунин усули таҳлили семантикӣ – педагогӣ ва функсионалии таълим низ васеъ истифода гардидааст. Зимни таҳқиқи мавзуъ аз методи илмӣ - назарӣ низ истифода бурда шудаст. Ба таври васеъ усули таҳлили назариявии илмӣ, психологӣ, педагогӣ ва адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба мушкилоти тадқиқоти соҳаи педагогикаи осорхонашиносӣ, ки фарогири чунин усулҳо мебошад, истифода гардидааст: маводи дидактикӣ ва васоити таълимӣ; доир ба корҳои осорхонаҳои мактабӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ оид ба кори осорхонаҳо дар раванди таҳқиқ таҳлил гардида аст; ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ, гурӯҳҳои корӣ оид ба ташкили кор бо хонандагону падару модарони онҳо омӯзгороне, ки дар кори осорхонаҳои мактабӣ навоварӣ ба вуҷуд овარданд; ҷиҳати ҷалби наврасон ба осорхонаҳои мактабӣ усулҳои ташхис: пурсиш, санҷиш, мусоҳиба.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти аз осорхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст овардашуда, ба шакл даров진арда, шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот:

1.Таҳқиқоти мазкур аз нахустин корҳои илмии мукаммал оид ба омӯзиш ва баррасии ташаккул ва парвариши мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мебошад.

2. Дар раванди таҳқиқ мушкилоти тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушаххас гардида, нақши осорхонаҳои мактабӣ чун нишони боэътимоди ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ ҳаллу арзёбӣ шудааст.

3. Дар заминаи истифода аз мероси гаронбаҳои моддӣ-маънавии халқи тоҷик, ки, аз ҷумла, дар осорхонаҳои мактабӣ гирд оварда шудаанд, роҳҳои оқилонаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар

амалияи фаъолияти ҳаррӯза бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ татбиқ гардид.

4. Дастовардҳои илмии муаллиф дар тадқиқот имкон медиҳад, ки ҳисси баланди худшиносии миллии хонандагон дар масири дурусту беғалат омӯхтани маводи дар осорхонаҳои мактабӣ мавҷуд буда бедор гардад.

Дар диссертатсияи мазкур масъалаи нақши осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон бори аввал мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Анҷоми таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид ба тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон ба воситаи осорхонаҳои мактабӣ дар илми педагогикаи тоҷик аҳамияти зерини назариявӣ ва илмӣ хоҳад дошт:

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ кумак хоҳад расонд;
- барои ҷорӣ намудани тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон ба омӯзгорониояндаи фанни таърих мусоидат менамояд;
- барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ёрӣ мерасонад;
- ҳамчун дастури таълимӣ дар соҳаи илми педагогикаи осорхонашиносӣ қарор мегирад;
- маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, қомусномa васоити таълимӣ ифода шавад;
- ба монанди роҳнамо ва дастур дар соҳаи кори осорхонашиносии педагогика истифода бурдан мумкин аст;
- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии осорхонаҳои мактабӣ ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон дар раванди таълими фанни таърих саҳифаҳои нав боз кунад.

Дар диссертатсия масъалаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, ки характери ватандӯстӣ доранд, ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон, донишҷӯёни унвонҷуён, факултетҳои таърих ва шуъбаҳои осорхонашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти амалӣ дошта метавонад. Инчунин, шахсоне, ки ба масъалаҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ, таълиму тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва ҳувияти миллӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ сару кор доранд, аз ин диссертатсия истифода бурда метавонанд. Ғайр аз ин, ҳаводорони гузаштаи халқи тоҷик, таърихшиносон, ҷомеашиносон ва кормандони

осорхонаҳо, соҳаи таълиму тарбия метавонанд аз маводи ин диссертатсия баҳрабардорӣ намоянд, ки далели аҳамияти амалӣ доштани он шуда метавонад.

Натиҷаҳои тавсифшудаи озмоишҳои муқарраркунанда ва назоратӣ бо истифода аз методҳои манфиатнок дар асоси ба ҳисоб гирифтани маълумот оид ба нақши осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон зимни таълими фанни таърих яке аз қисмҳои арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ мебошанд. Ғайр аз ин, эътимоднокии муқаррароте, ки дар омӯзиш пешниҳод шудаанд, бо равишҳои назариявӣ ва методологӣ, дурустӣ ва мувофиқати онҳо ба масъалаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот, яъне раванди ташаккули тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ мусоидат мекунанд.

Таҳлил, баррасӣ ва ҷамъбаст бо истифода аз маҷмуи усулҳои мувофиқи мақсад, вазифа ва мавзуи тадқиқот, ки бо ҳамдигар мувофиқанд, усулҳои гуногуни таҳқиқот дар такя бо назардошти намояндагӣ ҳангоми гузаронидани саволномаҳо, пурсишҳои шифоҳӣ аз ҷониби муҳаққиқ ва омӯзгор интихоб мешаванд.

Саҳми шахсии довталаб дар он аст, ки дар натиҷаи ин пажуҳишҳо муҳаққиқ барномаи тарбиявиро, ки мундариҷаи асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону тавассути осорхонаҳои мактабиро инъикос мекунад, санҷиш намуда, таҳия ва пешниҳод гардонидааст. Блокҳои кори таҷрибавӣ равшан карда шуда, шаклҳо ва усулҳои муассири тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар шароити муосири иҷтимоию фарҳангӣ таҳқиқ гардиданд.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Вобаста ба кори илмӣ дар якчанд шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсия ва семинарҳои илмӣ - амалӣ оид ба масъалаи асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ гузаронидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ дар раванди фаъолияти педагогӣ ва кори осорхонаҳо амалӣ гардонида шуда, оид ба натиҷаҳои он як силсила дастур ва мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Довталаб аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯзаҳо кардааст.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишии муаллиф дар шакли мақолаҳои илмии зерин дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи

КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд:

1. Абдулов Ҷ.М. Нақши осорхонаҳо дар тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстии ҷавонон. // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2017. -№3/7. – С. 146-148.
2. Абдулов Ҷ.М. Экспозитсияи осорхонавӣ ва нақши он дар рушди туризми фарҳангӣ. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. –№3 (40) – С. 106-110.
3. Каримова И.Х., Абдулов Ҷ.М. Асосҳои назариявӣ-методологии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавасути осорхонаҳои мактабӣ. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. –№3 (44) – С. 104-108.
4. Абдулов Ҷ.М. Коркард ва татбиқи шартҳои таъминкунандаи самаранокии ташаккули мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе. – 2022. –№4 (40) – С. 141-144.
5. Негматов С.Э., Абдулов Ҷ.М. Рушди осорхонаҳо дар партави андешаҳои созандаги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. –№1[3] (48) – С. 81-88.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардааш тасдиқи худро ёфтааст.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баррасӣ ва пешниҳоду тавсияҳои иштирокчиён ҷаласаи васеи шуъба

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзуи “Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуии дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзӯи “Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуии дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович дар мавзуи “Тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ” барои ҳимоя дар

шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2023 протокололи №10 баррасӣ ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" -17 нафар, "Зид"-нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд (қарори ҷаласаи васеи шуъба аз 23 октябри соли 2023, протоколи №10).

Раиси ҷаласа, д.и.п., профессор,
мудири шуъбаи педагогика, психология
ва методикаи таълими ПРМ
ба номи А. Ҷомии АТТ Л.М.Иматзода

**Муқарризон:**

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи фанҳои
ҷомеашиносӣ ва гуманитарии
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Талабхӯҷа Сатторов Д.Н.Латифзода

Номзади илмҳои педагогӣ
мудири шуъбаи методикаи таълим,
психология ва омодасозии кадрҳои
илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон С.Камолзода

Ходими калони илмии
ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии
АТТ, номзади илмҳои педагогӣ И.Давлатшоев

Котиби ҷаласа, ходими илмии
шуъбаи педагогика, психология
ва методикаи таълими ПРМ
ба номи А. Ҷомии АТТ Ю.Ҳасанзода

*Имзои Л.Иматзода,. Д.Латифзода , С.Камолзода , И. Давлатшоев ва Ю.Ҳасанзодаро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х. Ҳакимова